# ТАҚРИЗИ

**муқаризи расмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ, академики Академияи илмҳои кишоварзи Тоҷикистон, профессори кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич ба рисолаи илмии Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна дар мавзӯи "Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орд аз донаи кадуи навъи маҳаллӣ," барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои афзалиятноки ҳар як давлат маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, пешрафти истеҳсолоти маҳсулоти хӯрока низ омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворii кишвар аст. Бо ин мақсад масъалаҳои истифодаи оқилонаи ашёи хом, ҷустуҷӯйи намудҳои нави ашёи ғизоӣ, мукаммалгардонии технологияҳои анъанавӣ ва коркарди технологияи инноватсионии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокаи баландсифат аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа буда, он бар уҳдаи муассисаҳои соҳавӣ вогузор шудааст. Дар ин ҷода истифодаи ҳарчӣ васеи ашёи хоми маҳаллӣ дар саноати қаннодӣ, ки сифатнокии ғизоии маҳсулоти тайёрро таъмин менамояд, яке аз роҳҳои ба кор бурдани маводи коркарди аз ҷиҳати экологӣ зироати сабзавотию полезии хоҷагиҳоигуногунчабҳаи ҷумҳкрӣ, метавонаддар рушди ин соҳа мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз мавзӯи таҳқиқотии унвонҷӯ Абдуллоева Ҳ.Ф., ҳамоҳанги раванди саноатикунонии соҳаи хӯроквории ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна дар мавзӯи "Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орд аз донаи кадуи навъи маҳаллӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 –"Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ", дар соҳаи корарди технологияи маҳсулоти қаннодии ордии функсионалӣ иҷро гардидааст. Мавзӯи диссертатсия бешубҳа мубрам буда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Мубрамияти ин мавзӯ аз он бармеояд, ки масъалаи ғизогирии солим ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокаи дорои қимати баланди ғизоӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифта, дар як қатор қонунҳо дарҷ ёфтааст.

Таҳлили натиҷаи кори диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад, ки аз ҷониби Абдуллоева Ҳ.Ф., яке аз мавзӯи ҳалталаби рӯз – истеҳсоли маҳсулоти

хӯрокаи функсионалӣ омӯхта шудааст, ки дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Кори диссертатсионии унвонҷӯ Абдуллоева Ҳ.Ф., дар асоси таҷрибаҳои лабораторӣ(озмоишӣ) амалӣ гашта, бо ҳамбастагии натиҷаҳои таҳқиқотии шахсӣ ифшо шудааст. Рисолаи илмӣ дар шакли омафаҳм, мантиқан бо далелҳои асосноку таҳлили шахсии муаллиф ба чоп расидааст.

**Мақсади таҳқиқот -** коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо истифодаи орди донаи кадуи навъи маҳаллӣ мебошад.

**Унвонҷӯй барои ба ин мақсад ноил гаштан як қатор вазифаҳоро дар назди худаш гузоштааст, аз ҷумла:**

- таҳқиқи таркиби химиявӣ, нишондодҳои физикӣ-химиявӣ ва хосиятҳои функсионалӣ-технологии орд аз донаи каду навъи «Иродӣ»;
- дар асоси таркиби химиявӣ ва хосиятҳои технологии муқарраршудаи орди донаи каду асоснок намудани хосиятҳои функсионалӣ ва мувофиқи мақсад будани истифоди ашёи мазкур дар технологияи маҳсулоти қаннодии ордӣ
- таҳияи дастурамал ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ордӣ бо хосиятҳои функсионалӣ - ҳалвои миллӣ ва кулчақанди резонак;
- таҳқиқи хосиятҳои сенсорӣ ва физикию химиявии – ҳалво ва кулчақанд аз хамири резонак бо истифодаи орди донаи каду;
- асоснок намудани устуворӣ ва бехатарии маҳсулоти қаннодии ордии коркардшуда;
- муайян намудани қимати ғизоӣ ва энергетикии маҳсулоти қаннодии ордии коркардшуда;
- таҳияи лоиҳаи ҳуҷҷатҳои техникӣ оид ба маҳсулоти қаннодии ордии коркардшуда – дастурамал ва шартҳои техникӣ.
- муайян кардани самараи иқтисодии истифодаи орди донаи каду дар истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ордӣ бо хусусиятҳои функсионлӣ

**Аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсия.** Иҷрои вазифаҳои мазкур аҳамияти илмӣ ва амалии **диссертатсияро** дар бар мегирад. Аз ҷониби Абдуллоева Ҳ.Ф. бори аввал таркиби химиявии донаи кадуи маҳалии навъи "Иродӣ" омухта шудааст. Муаллиф муайян намудааст, ки ин ашё таркиби бойи бисёр моддаҳоро дорад: 30,8% сафедаҳо, ки 20,8%-ро сафедаҳои дар об ҳалшаванда мебошанд, 8,1 % – крахмал, 15,4% наххои ғизоӣ (клетчатка), 3,9% моддаҳои минералӣ ва 38,81% равған. Дар натиҷаи омӯхтани хосиятҳои технологии орди донаи каду маълум шуд, ки ин ашё қобилияти хуби нигоҳдории об ва равған, эмулсияофарӣ ва устувории

кафкро дорад. Дар асоси натиҷаҳои худ тавонистаст Абдуллоева Ҳ.Ф. хосияти функсионалӣ ва истифодаи орди донаи кадуро илман асоснок кунад ва он ҳамчун компоненти ғанигардонанда дар технологияи маҳсулоти функсионалии хӯрока истифода шавад.

Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин бо он ифода мешавад, ки дастурамал ва технологияи истеҳсоли ҳалвои миллӣ ва кулчақанд, аз хамири резонак бо истифодаи орди донаи каду коркард шуда, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқи барои истеҳсоли ҳалво ва кулчақанд бо иловаи ин мавод – шартҳои техникӣ, дастурамалӣ истеҳсолию, технологӣ – таҳия шуда, қисми ин ҳуҷҷатҳо ба мисли шартҳои техникӣ барои истеҳсоли ҳалво ва кулчақанд расман аз тарафи идораи масъул тасдиқ гардида, барои истеҳсолот тавсия гардидааст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои тадқиқот, ақидаҳои назариявӣ, ҳалли масъалаҳои техникӣ ва технологии муаллиф дар раванди таълими донишҷӯён як қатор фанҳою барномаҳои таълимии бакалаврон ва магистрони ихтисосҳои технологӣ истифода мешаванд. Аҳамияти амалии технология ва дастурамали коркардшуда бо санадҳои санҷишӣ дар шароити истеҳсолии корхонаҳои ҶДММ “Имон” ва ҶДММ “Шивер Тоҷикистон” тасдиқи худро ёфтаанд.

**Навгониҳои кори диссертатсионӣ.** То ин давра дар ҷумҳурӣ мо таҳқиқотҳои илмӣ оид ба истифодаи тухми каду ва усулҳои коркардаш маълум набудааст. Абдуллоева Ҳ.Ф. аввалин шуда таркиби химиявӣ ва хосиятҳои функсионалӣ-технологии донаи кадуро муайян намуда, дар асоси натиҷаҳои бадастомада хосиятҳои функсионалӣ ва раванди истифодаи ин ашёро илман асоснок ва мақсаднокии истифодаашро барои истеҳсоли маҳсулоти функсионалӣ исбот намудаст, ки ин **навгониҳои** кори диссертатсионӣ ба ҳисоб мераванд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, чор боб, хулосаҳо, феҳрасти адабиёти илмии истифодашуда, феҳрасти адабиёти нашршудаи унвонҷӯ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот ва замимаҳоро дар бар мегирад. Матни диссертатсия дар 131 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шудааст. Диссертатсия дорои 33 ҷадвал ва 16 расм аст. Феҳрасти адабиёти истифодашуда аз 176 номгӯ иборат мебошад.

**Дар боби якум** маълумотҳо оид ба ҳолати ҳозираи соҳаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ дар Тоҷикистон, маълумот оид ба маҳсулоти хӯрокаи функсионалӣ ва маҳсулоти қаннодии функсионалӣ, роҳҳои ба маҳсулоти қаннодии ордӣ бахшидани хосиятҳои функсионалӣ, истифодаи донаи каду дар технологияи маҳсулоти хӯрока дар бар мегирад. Таҳлили боби якум муайян намуд, ки унвонҷӯ бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқоташ шиносии хуб дорад, мубрамият ва аҳамияти илмӣ ва амалии ин мавзӯро

дарк кардааст. Дар асоси таҳлили адабиёти илмии омӯхташуда муаллиф оид ба мубрамияти мавзӯи диссертатсия хулосаҳои худро баровардааст.

**Боби дуюм аз** маълумот оид ба объектҳо ва **усулҳои тадқиқот** иборат мебошад. Объекти тавсиф шуда, интихоби он ва равандитаҳкикот асоснок шудааст.

**Боби 3-ум** натиҷаҳои таҳлили таҳқиқи таркиби химиявии орди донаи кадуи "Ироди", хосиятҳои физики-химиявӣ ва функсионалию технологии орди донаи кадуро дар бар мегирад. Натиҷаҳои таҳқиқи нишондодҳои унвончӯ исбот намудани хосиятҳои функсионалии ашёи таҳққшаванда ва муайян кардани соҳаи истифодаи онро имконпазир гардонид.

**Дар боби 4-ум** натиҷаҳои тадқиқот доир ба коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ордӣ бо иловаи орди донаи каду ҳаматарафа муҳокима шудааст. Ҳамчун маҳсулоти ғанигардида муаллиф ҳалвои миллӣ ва кулчақанди резонакро барои омӯзиш интихоб намудааст. Муаллиф хосиятҳои органолептикӣ ва физикию химиявӣ, таркиби химиявӣ, наттиҷаҳои таҳлили бехатарии маҳсулоти коркардшуда, пешгӯии мухлати нигоҳдорӣ ва самаранокии иқтисодии истеҳсоли онро таҳқиқ карда, дар асоси натиҷаҳои бадастомада технологияи истеҳсоли маҳсулоти мазкурро пешниҳод намудааст.

**Хулосаҳои** натиҷаҳои асосии тадкикот, ба вазифаҳои муайяншуда мувофик мебошанд.

**Замимаҳо аз** ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи натиҷаҳои тадқиқот – нусхаи патент, санадҳои татбиқӣ, шартҳои техникӣ ва дастурамалҳои тасдиқшуда, протоколҳои санҷишҳои микробиологии орди донаи каду ва маҳсулоти коркардшуда, нусхаҳои дипломҳо ва сертификатҳо иборат мебошад.

**Апробатсияи натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтаво ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва семинарҳои назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии дар Тоҷикистон ва Федератсияи Россия баргузоршуда, дар шакли баромаду маърузаҳои илмӣ пешниҳод ва муҳокима карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 17 кори илмии муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба феҳристи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи Комиссия олии аттестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон ва Федератсияи Россия, 6 мақола дар маводҳои конференсияҳо байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, 1 нахустпатент нашр шуданд ва дар 3 ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқӣ тасдиқ шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсия ба Шиносномаи ихисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст аз рӯи бандҳои зерин мутобиқ аст:

Коркарди технологияҳои нав (интенсивӣ) ва такмилсозии технологияи мавҷудбудаи истеҳсоли маҳсулоти хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, ғалладона, маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ, ангурпарварӣ дар доираи истеҳсолоти соҳаҳои хӯшагиҳо, хошоки омехта, ғалладонагӣ, нонӣ - макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкулӣ, алкулӣ, хамиртурушӣ, ликёру арақ, шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, омехтаҳои хӯрокӣ ва маҳсулоти тезяхкунанда мансубият дорад.

Технологияи истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот, бо истифодаи маҳсулоти ғайрианъанавӣ ва намудҳои нави ашё, омехтагиҳои мураккаб ва маҳсулоти нимтайёр бо танзими таркиби моддаҳои асосӣ ва ҷузъиёти фаъоли биологӣ, тағйири таркиби кимиёвӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти нави дорои сифати ғизонокии баланд ва сатҳи баланди истифодабарӣ, аз ҷумла ҷузъиёти маҳсулот барои кӯдакон ва маҳсулоти парҳезӣ равона карда мешавад.

Рисолаи илмии унвонҷӯ Абдуллоева Ҳ.Ф., чун кори илмӣ таҳқиқотии ба истеҳсолот равонашуда, мавзӯи ба итмомрасида буда, аз тарафи муассисаҳои соҳавӣ баҳои мусбӣ гирифтааст.

Таҳлили диссертатсия ва автореферат нишон доданд, ки дар онҳо якчандкамбудиҳою норасоиҳо ба назар мерасанд, аз онҷумла:

1. Дар таҳлили адабиёти омӯхташуда иқтибосҳо асосан дар ҳолати рақамӣ буда, рӯйхати онҳо, ба монанди ишоранокӣ амалӣ гаштаст,ки барои хонанда, бо сабаби ҳар вақт кушодани ин рӯйхат, мушкилфаҳм мебошад. Хубаш ному насаби муаллиф, баъд рақамӣ тартибии адабиёт меомад
2. Ишора ба рақамҳои адабиёт дар як матн 2-3 маротиба ёдовар мешавад, хубаш ба якчанд ҷумла як ишора шавад – дар сҳифаҳои 25, 26, 28, 34. ва ғайраҳо.
3. Дар ҷадвали 3.1. ҷамъи моддаҳо 64 фоиз мебарояд, мумкин иштибоҳ бошад.
4. Иқтибос ба диссертатсияҳо ғайри мантикӣ буда,ба автореферат ишора шавад.
5. Адабиёти №83- бе номи маввод.
6. Дар рисола хатоиҳои граматикӣ ва арфографӣ дучор мешаванд.

Эродҳои номбурда, ба осонӣ ислоҳшаванда буда,ба арзиши аслии рисолаи Абдуллоева Ҳ.Ф., ва мазмуни муфтавои он таъсири манфии худро намерасонад.

## Хулоса

Таҳлили натиҷаи кори диссертатсионии муаллиф шаҳодат медиҳад, ки аз ҷониби Абдуллоева Ҳ.Ф. яке аз мавзӯи мубрами рӯз –усулҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокаи функсионалӣ омӯхта шудааст, ки дар соҳаи истеҳсоли махсулоти хӯрока хеле муҳим арзёби дорад.

Мавзӯи, диссертатсияи Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна илман кори асоснок буда, метавонад дар амалия ҳаматарафа тадбиқ шавад. Дар раванди иҷроиши таҳқиқотҳои Абдуллоева Ҳ.Ф., бо таҳлили амиқи адабиёти илмӣ ва усулҳои илмии муосир, баҳодиҳии натиҷаҳои бадастомада, ташхисҳои озмоишгоҳӣ, мақсаду вазифаҳое, ки дар таҳкикот ба нақша гирифта шуда буд, дар маҷмуъ иҷро намудааст.

Натиҷаи тадқиқотӣ дар 13 мақолаи илмии нашршуда инъикос ёфтаанд, ки аз ин 7 адад дар маҷаллаҳои тавсиявии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ,6 адад дар маводҳои конфронсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расидааст, 1 патент ва 3 ҳуҷҷати ҳуқуқӣ-меърӣ тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи илмии Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна дар мавзӯи "Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орд аз донаи кадуи навъи маҳаллӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 –Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ, кори илмии ба анҷом расида буда, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Рисола дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, самтҳои мавзӯи интихобшударо ба пуррагӣ дар бар гирифта, муаллиф масъалаҳои ба нақша гирифташударо асоснок иҷро кардааст.

Натиҷаҳои тадқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Бинобар ин диссертатсияи пешниҳодшуда аз рӯйи мубрамият, аҳамияти илмӣ ва амалӣ, навгониҳои илмӣ, интишорот ва ҳаҷми тадқиқот ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30.06.2021 тасдиқ шудаааст,ҷавобгуй буда, муаллифи он, Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз

рӯйи ихтисоси 05.18.01 –Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**

Доктори илмҳои кишоварзӣ, академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, профессори кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур — Ахмедов Т.А.

Суроға: 734003, ш.Душанбе, хиёбони А.Рӯдакӣ, 146
**Тел.-** 907-75-11-71

Имзои д.и.к. Ахмедов Т.А. тасдиқ менамоям. Абдуҳалимзода Н.А.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои кормандони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур

«__11__» ______04______2024 с.